**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих доир ба ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Парвандаи аттестатсионии № ________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.11.2025, №6

Барои сазовор донистани Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсияи **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тарих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, таҳти №443/шд) 19-уми сентябри соли 2025, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат 1-уми марти соли 1994 дар ноҳияи Данғара вилояти Хатлон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик мебошад. Ӯ солҳои 2001-2012 таҳсилоти миёнаро дар МТМУ №33- и ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Оқсу деҳаи Кули Суфиён гирифтааст. Номбурда соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ дохил шуда, онро соли 2017 хатм намудааст.

Фаъолияти кориашро солҳои 2017-2019 ба ҳайси омузгори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 ноҳияи Ҷалолиддини Балхи вилояти Хатлон оғоз намудааст. Аз 1-уми сентябри соли 2019 дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси омузгори фанни таърих идома дода то ҳол фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Доктори илмҳои таърих, Муродзода Аҳмадхон Амрохон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Муҳидинов Саидалӣ Раҷабович** – аъзои шуро, профессор, доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ.
**2. Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Тақризи муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) бо имзои **раиси ҷаласа** номзади илмҳои таърих, дотсент мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Суфиев С.Н., **ташхисгар,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик Абдуллоев М.Х. ва **котиби ҷаласа,** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик Ватанзода Ш.В. омода гардида, бо имзои ректори Донишгоҳ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода М.В. аз 10- уми ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Ҳиматзода Ҳ.Ҳ. дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ), сазовор мебошад.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** ворид шудаанд:

1. **Алишери Амирхон** – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара». Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
2. **Ҳомидзода Ф.М.** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.
3. **Маҳмадзода У.Д.** – номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети дипломатия ва сиёсати АИДНПҶТ. Тақриз мусбат мебошад.

**Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** муаллифи 5 мақолаи илмӣ буда, 3-тои он дар маҷаллаҳои тақризшандаи КОА-и назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Инчунин, номбурда бахшҳои мухталифи кори хешро дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ маъруза намудаанд.

**1.** Ҳиматзода Ҳ.Ҳ. Инъикоси лашкаркашиҳои Темурланг ба Хоразм дар “Равзату-с-сафои”-и Мирхонд // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои таърих – 2023. –№4(105) С.232-236. ISSN: 2219-5408.

**2.** Ҳиматзода Ҳ.Ҳ. Ахбори Мирхонд роҷеъ ба ҳукумати Абулқосим Бобур дар Хуросон “Равзату-с-сафои”-и Мирхонд // Маҷаллаи илмӣ - назариявӣ Муаррих Академияи миллии илмҳои тоҷикистон институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш. бахши илмҳои таърихнигорӣ ва маъхазшиносӣ. – 2025. –№2(42), -С. 122-128 ISSN: 2709-7382

**3.** Ҳиматзода Ҳ.Ҳ. Инъикоси вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон то ба сари қудрат расидани Темурланг дар “Равзату-с-сафои”-и Мирхонд // Маҷалаи байналмилалии «фурӯғи илм»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025, - №2 (06). –С. 339-403 ISSN 3078-395X).

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

-дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XIV дар Мовароуннаҳру Хуросон хусусан дар давраи зимомдории намояндаи хони муғул Қазаған….возеҳу равшан нишон дода шудааст.

-дар натиҷаи парокандагии сиёсии Мовароуннаҳр ва муташанниҷ гардидани авзои сиёсии минтақа, ба мулкҳои алоҳида тақсим шудани мулкҳои алоҳида, сар даровардани хонҳои муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон, задухӯрдҳои шадид байни онҳо, шикасти муғулҳо аз ҷониби сарбадорон, шуриши сарбадорони Самарқанд ва оқибатҳои он дар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ;

-рӯ овардани Темур ба Хоразм ва вайрону валангор гардидани ин шаҳр ва кишт кардани ҷав дар ин мавзеъ, кучонидани мардум ба Самарқанд аз ҷониби ӯ, аз байн бурдани ҳокими Хатлон Кайхусрав, ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расондани мардуми таҳҷоии шуриш бардоштаи Самарқанд возеҳу равшан инъикос ёфтааст;

-новобаста ба он, ки Мирхонд нисбат ба намояндагони хонадони Темуриён аҳду сано гуфта бошад, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ӯ дар осори худ ба тариқи пардапӯшона куштору қатли ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот ва қалъаҳо, инчунин дуздию ғоратгарии онҳоро ифшо кардааст;

-муаллиф қайд мекунад, ки Темур пас аз ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр барои ҳарчи зудтар ба зери тобеияти худ даровардани Хуросон аз ҳар роҳу восита истифода мебурд. Аз ҷумла, намояндагони худро ба назди ҳокими Ҳирот Муизиддини Курт фиристода то ки бо хоҳиши худ ба зери тобеияти ӯ дарояд;

-лашкаркашии Темур ба Хитой, вафоти ӯ дар Утрор, мубориза̄ҳои тулонии хонадони Темуриён барои ба даст овардани ҳокимият, рақобати Халил султон бо ҳокими Хуросон Шоҳрух, асир гардидани Халил султон, таъйин намудани Улуғбек ба ҳайси ҳокими Мовароуннаҳр аз ҷониби Шоҳрух, лашкаркашиҳои Шоҳрух ба Ғӯру Сиистон ва вайрону валангор кардани онҳо, исёнҳои мардуми таҳҷоӣ бар зидди Шоҳрух;

-вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Шоҳрух, лашкаркашии Улуғбек ба Хуросон, вайрону валангор кардани Ҳирот аз ҷониби Улуғбек ва лашкариёни ӯ, зиддияти Улуғбек бо Абдуллатиф ва кушта шудани Улуғбек аз ҷониби Абдулатиф, кушта шудани Абдулатиф аз тарафи Аббос;

-кушта шудани ҳокими Мовароуннаҳр аз ҷониби Абдуллохон ва ҳокимияти Мовароуннаҳро соҳиб шудани Абусаид, вазъи сиёсии Хуросон

дар аҳди Мирзо Бобур, соли 1454 лашкаркашии мирзо Бобур ба Самарқанд ва шикасти шармандавори ӯ, аз ҷониби аҳолии Самарқанд зери роҳбарии Хоҷа Аҳрорӣ Валӣ;

-пас аз фавти мирзо Бобур ҳокимияти Хуросон ба зери тобеияти Абусаид даромада, исёну шуришҳои пайдарпай бар зидди ӯ дар минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон ба амал омаданд, ҳамчунин вазъи илму фарҳанг низ дар аҳди ҳукумронии Абусаид дар дар сатҳи хеле паст қарор гирифт;

-роҷеъ ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон Мирхонд қайд мекунад, ки пас аз фавти Абусаид дар Хуросон Ҳусайн Бойқаро ва дар Мовароуннаҳр бошад Мирзо Аҳмад ба сари қудрат омаданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст:**

Пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал асари «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди таҳқиқи сарчашмашиносӣ ва муайян кардани он ҳамчун манбаи дасти аввал қарор мегирад. Натиҷаи таҳқикро метавон ҳангоми омӯзиши раванди ҳодисоти асрҳои XIV-XV, таҳқики минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳр ва Хуросони давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ истифода кард. Тавсия ва пешниҳоди муаллифро метавон ҷиҳати рушди илми таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии миллӣ васеъ истифода намуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Дурустии маълумот, пуррагии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот гардидаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 28- уми ноябри соли 2025 оид ба сазовор донистани Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсиян баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, мукобил - нест. бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

“28” ноябри соли 2025
ҶМ